**Тақризи**

**муқаррризи расмӣ доктори илмҳои филология, профессор Муллоев Шариф Боқиевич ба диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Журналистика.**

12. 10. 2020. ш. Душанбе

Агарчи аз нашри нахустин рӯзномаи тоҷикӣ дар Осиёи Марказӣ - «Бухорои шариф» 108 сол сипарӣ гардида бошад ҳам, ҳанӯз ба таври амиқу комил омилҳои бурузу суқут, вижагиҳои табъу нашр, унсурҳои жанрӣ, қолабҳои эҷодӣ, хусусиятҳои эҷодии нашрия, мавқеи ғоявии нашрия ва дигар вижагиҳои табъу нашри рӯзномаи мазкур мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Ҳарчанд талошҳои муассиру муҳаққиқона дар ин самт анҷом шудааст, вале диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзӯи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» бо тарзи таҳлилу ташхиси илмӣ таҳқиқоти муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Диссертатсия дар такя ба адабиёти илмӣ-назариявӣ ҳам дар доираи илми таърихи журналистикаи рус ва ҳам публитсистикаи тоҷик вобаста ба таърихи нашр ва ташаккули жанрҳо дар «Бухорои шариф» навишта шуда, диссертант андеша ва таҳлилҳои дурусти илмиву амалӣ бароварда, зери роҳбарии доктори илмҳои филология, профессор Муродов Мурод Бердиевич бо натиҷаҳои амиқ, пажӯҳиши мукаммалеро анҷом додааст.

Арзиши назариявӣ ва амалии диссертатсияи Атоев М.И. дар он аст, ки натиҷаҳои ҳосилшуда то андозае ҷанбаҳои таърихӣ ва назарии илмии публитсистикаи тоҷикро пур карда, нақши рӯзномаи «Бухорои шариф»-ро дар ташаккули матбуоти тоҷик, инкишофи жанрҳои публитсистӣ, рушди афкори навгаройӣ дар муҳити иҷтимоии Аморати Бухоро ва мактаби эҷодии ин нашрияро муайян намудааст. Инчунин шаклу намои рӯзнома: саҳифаву сутунҳо, сатрҳо, ҳуруфоти нашрия, рангорангии сарлавҳаву зерсарлавҳаҳо, аксу тасвирҳо, аломатҳои имлоӣ, хатҳои ҷудокунандаи матн ва монанди инҳоро нишон додааст.

Бояд тазаккур дод, ки диссертатсияи анҷомёфта бо ин фарогирии мавзӯъ барои таҳқиқотҳои минбаъда доир ба масъалаҳои таъриху назарияи публитсистика адабиёти илмии муфид аст. Ҳамчунин аз натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсия дар гурӯҳҳои ихтисосии кафедраҳои матбуот курсу семинарҳои махсус гузаронида, дар таълифи китобҳои

дарсии соҳавӣ, дастурҳои таълимӣ ва машғулиятҳои амалии таърихи матбуот истифода намудан мумкин аст. Хулосаҳои илмии диссертатсия, ки аз таҳқиқи таърихи ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» ба даст омадаанд, барои пешравии фаъолияти амалии рӯзноманигорӣ низ аҳамияти хоса доранд.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса, феҳристи адабиёт ва замима иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 181 саҳифаи компютерӣ аст. Дар муқаддима моҳияти мавзӯъ асосонок гардида, дараҷаи омӯзиши он баррасӣ карда мешавад. Ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот ва навгонии он муайяну мушаххас аст. Ҳамчунин асосҳои назарӣ ва методи таҳқиқ, арзиши назарӣ ва амалии диссертатсия дар он шарҳ ёфтааст.

Боби аввали диссертатсия **«Заминаҳои пайдоиши «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он»** унвон дошта, аз се фасл: «Андешаҳо доир ба заминаҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф», «Таъсиси «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он» ва «Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома» иборат мебошад.

Фасли якуми боби аввал ба заминаҳои пайдоиши рӯзнома бахшида шуда ба таври мушаххас назари муҳаққиқон ва шарқшиносони ватанию хориҷиро оид ба таҳаввулоти замон баррасӣ намуда, дар ин раванд омилҳои пайдоиши рӯзномаи «Бухорои шариф» ҷустуҷӯ ва нишон дода шудааст. Дар баробари оне, ки муҳаққиқон доир ба замина ва омилҳои нашри рӯзнома назари яксон доранд, диссертант дар такя ба сарчашмаҳои аввалия ва фазои сиёсию маънавии замон назари худро пешниҳод намуда, ба андешаи худ эътимод дорад, ки сабаби асосии нашри «Бухорои шариф» муқобилият бар афкори зиддитоҷикӣ буда, рӯзнома мудофеи манофеъ ва арзишҳои миллии тоҷикон дар минтақа будааст.

Фасли дуюми боби аввал - **«Таъсиси «Бухорои шариф» ва вижагиҳои сохтории он»** роҷеъ ба тадорукоти таъсисёбии рӯзномаи «Бухорои шариф» ва хусусиятҳои сохтории он маълумоти муфассали илмӣ додааст. Бино ба таҳқиқи диссертанд, то соли 1912 дар Аморати Бухоро тамоми заминаҳои нашри рӯзнома фароҳам шуда буд. Мирзо Муҳиддин Мансурзода ва Мирзо Сироҷи Ҳаким ин ду шахсияти ҷаҳондида ва сарватманд барои нашри рӯзномаи «Бухорои шариф», рӯҳи замон, вазъи иқтисодию иҷтимоии Бухоро, рукуди шохаҳои давлатдории аморат, бетафовутӣ ба кори маориф, сахтиву тангии зиндагӣ, шиддат гирифтани равандҳои сиёсии минтақа ва ҳамчунин мушкилоти дохилаи

Русияи импероторириро хуб дарк намуда, талош намуданд, ки рӯзномаи тоҷикӣ рӯйи чоп ояд.

Рӯзнома бо қолаби рӯзномасозӣ, фармати нашр, ҷолибияти мавзӯот, рангорангии маводу сарлавҳаҳо ва банду басти нашриявӣ рӯи чоп омада, барои таблиғоти афкори навин, бедории фикрӣ ва дифоъ аз манофеъи таърихию фарҳангии миллати тоҷик хизмат намудааст.

Фасли сеюми боби мазкур, ки «Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома» унвон гирифтааст, баҳси сабабҳои қатъи фаъолияти «Бухорои шариф», нусхаҳои нашршуда ва рӯҳияи эҷодии рӯзномаро фаро мегирад. Диссертант доир ба қатъи фаъолияти рӯзномаи «Бухорои шариф» ва шумораҳои нашршудаи рӯзнома дар баробари назари муҳаққиқон андешаҳои дигар дорад. Ба пиндори ӯ дар баробари фишорҳои сиёсии ҳукуматдорони вақт, вазъияти танги молиявии рӯзномаву ношир, адами тафоҳум миёни муассисон ва рукуди низоми идорӣ низ аз омилҳои суқути нашрия будааст. Диссертант рақамҳои нашршудаи рӯзномаро бо такя ба нусхаҳои дастрасбудаи нашрия 152 адад медонад, на 153 адад, ки то имрӯз муҳаққиқон ба он такя менамуданд.

Боби дуюми диссертатсия, ки **«Ташаккули жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф»** ном дорад, низ аз се фасл: «Усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар рӯзнома», «Раванди шаклгирии жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома» ва «Аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ дар «Бухорои шариф» иборат аст.

Фасли аввали боби дуюм - «Усули истифодаи жанрҳои хабарӣ дар рӯзнома» нишон медиҳад, ки дар рӯзномаи «Бухорои шариф» жанрҳои ахборӣ нисбатан серистеъмол буда, жанрҳои хабар ва репортаж ташаккул ёфта, унсурҳои жанрии мусоҳиба ҳамчун қолаби таълифи маводи публитсистӣ зуҳур ёфтаву истифода гардидаанд. Муаллиф бо мушаххас намудани матни дорои хусияти иттилоотӣ беш аз 50 фисади матни рӯзномаро ба жанрҳои иттилоотии публитсистика тавъам медонад.

Дар фасли дуюми ин боб, ки «Раванди шаклгирии жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзнома» мебошад, зуҳур ва ташаккули жанрҳои таҳлилии матбуот ба баҳс кашида шудааст. Жанрҳои таҳлилӣ, ки як навъ василаи таҳлилу ташхиси падидаҳои замон ва интиқоли афкору аҳдоф мебошанд, дар асоси ғояи муайян иншо гардида, бо истифода аз имконоти онҳо ҷараён ва рӯйдодҳои замон баррасӣ ва аз дидгоҳи муайян таблиғу ташвиқ карда мешаванд.

Диссертант дар натиҷаи таҳлилу ташхиси матни рӯзномаи «Бухорои шариф» нишон медиҳад, ки дар нашрия жанри мақола истифодаи фаровон шуда, жанри мактуб бошад ташаккули публитсистӣ

ёфтааст. Хамчунин унсурҳои жанрии мухбирнома низ дар рӯзнома муайян карда шудааст. Дар диссертатсия хулоса мешавад, ки «Бухорои шариф» чун матбуоти навгаро барои интишори афкори навин аз имкониятҳои мувофиқи жанрҳои таҳлилӣ истифодаи муфид намудааст.

Фасли сеюми боби дуюми диссертатсия – «Аносири жанрҳои публитсистию бадеӣ дар «Бухорои шариф» масъалаҳои чигунагии ҷараёни ташаккули баъзе жанрҳои публитсистию бадеиро пажӯҳиш намудааст. Таҳлили жанрии матолиби «Бухорои шариф» нишон медиҳад, ки дар рӯзнома жанрҳои публитсистию бадеӣ дар шакли лавҳа, фелетонгуна ва ашъори дорои хусусияти иҷтимоӣ бештар истифода шудааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии омӯзишу таҳқиқи мавзӯъ ҷамъбаст гардидааст. Аз хулосабарории диссертант, маълум мегардад, ки ӯ дар таҳқиқоти худ далелҳоро рӯи даст гирифта, барои равшан кардани паҳлуҳои таърихи ташаккули жанрҳои публитсистикаи тоҷик таҳлилу қиёси фактҳоро аз дидгоҳи ҷадид ба роҳ мондааст. Хулосаҳои аз таҳқиқот баромада дар маҷмӯъ хулосаи пурраи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар асоси усулҳои пажӯҳиши илмӣ таълиф шуда, услуби хоси таҳия ва корбурди иқтибосҳоро соҳиб аст. Пешниҳоди бобу фаслҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба талаботи стандартҳои КОА-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасад, ки зикру ислоҳи онҳо ба манфиати кор аст.

1. Дар баъзе аз фаслҳои диссертатсия номи фасл моҳияти таҳқиқотро пурра бозгӯ намекунад. Аз ҷумла дар фасли сеюми боби якум - «Омилҳои аз нашр бозмондани рӯзнома» мазмуни таҳқиқот норавшан мондааст.

2. Диссертант, аснои таҳқиқот ба сарчашмаҳои илмию таърихии хориҷӣ камтар таваҷҷӯҳ намуда, бештар ба муҳаққиқони дохилӣ такя намудааст. Инчунин баъзе аз муҳаққиқони дохилӣ низ, ки корашон ба ин давра марбут аст аз доираи пажӯҳиш берун мондаанд.

3. Дар боби аввали кор доир ба фаъолияти ҷавонтуркон сухан меравад, вале дар мавриди ҷавонбухориён ва хизмати онҳо барои матбуот сухани арзишманд гуфта нашудааст.

4. Дар замимаи диссертатсия, миёни ҳар як санад фосила зиёд гузошта шудааст, ки барои хонотар шудани аснод хуб аст, вале манифести

соли 1905 ва дар баъзе аз ишораҳои сарчашмаҳо ҳуруфот хурд мебошанд, ки барои хонандаи диссертатсия мушкил мебошад.

Бояд таъкид намуд, ки нуктаҳои зикршуда арзиши илмии диссертатсия ва моҳияти таҳқиқотро коста намегардонад.

Автореферат, ки бо забонҳои русӣ ва тоҷикӣ нашр шудааст ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия мувофиқат менамояд.

Диссертатсияи илмии Атоев М.И. - «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» таҳқиқоти анҷомшуда маҳсуб ёфта, диссертант аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 10 - Журналистика арзандаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошад.

**Доктори илмҳои филология, Профессор,**
**мудири кафедраи ВАО-и чопӣ ва PR-и**
**муассисаи таълимии байнидавлатии**
**маълумоти олии Донишгоҳи (Славянӣ)**
**Россия ва Тоҷикистон** **Муллоев Шариф Боқиевич**

**Маълумот барои иртибот:**
**Муллоев Шариф Боқиевич**
**Доктори илмҳои филология**
**(ДДН№026926 от 18.05.2013)**
**Аттестати дотсентӣ ДЦ**
**№028238 приказ МОН РФ**
**№1183/5540 от 19.05.2010 г.)**
**Ҷойи кор: Донишгоҳи (Славяни)**
**Россия ва Тоҷикистон**
**Вазифа: мудири кафедраи**
**ВАО-и чопӣ ва PR**
**Нишонии ташкилот: 734025,**
**Ҷуҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**кучаи М. Турсунзода-30**
**Нишонии саҳифаи махсус:**
**http:// www.rtsu.tj**
**Тел. Раб: (+992-44)620-42-06**
**Тел. моб: (+992-93) 500-57-50**
**E mail.mulloev_sharif@mail.ru**

**«Имзои д.и.ф., Профессор**
**Муллоев Шариф Боқиевичро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи байнидавлатии (Славянӣ)**
**Россия ва Тоҷикистон** **Давлатов Х.Х.**

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН * МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
ОТДЕЛ КАДРОВ